ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д.С.
«_26_» __01__ соли 2024

**ХУЛОСАИ**

ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рисолаи илмии хатмкардаи зинаи аспирантураи назди Донишгоҳ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Абдуллоҷони Ҳамрохон соли таваллудаш 1994, соли 2017 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси муаллими тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ва соли 2021 зинаи аспирантураи донишгоҳро аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) хатм намудааст.

Номбурда, аз соли 2017 ба ҳайси ассистент ва аз моҳи ноябри соли 2022 инҷониб, ба ҳайси муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Дар асоси маълумотномаи №2 аз 20.05.2022-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маълум мегардад, ки унвонҷӯ имтиҳонҳои номзадиро супоридааст.

Мавзуи рисолаи илмии Абдуллоҷони Ҳамрохон дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 29.05.2018 (суратҷаласаи №10) тасдиқ карда шуда, дар давоми фаъолияти илмӣ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ 28.10.2022 (суратҷаласаи №3/4-15) тағйирот ворид карда шуда, чунин номгузорӣ гардид: «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ».

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳимов Грез мебошад.

**Ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муҳокимаи рисола ба чунин хулоса омад**:

Мавзуи рисолаи илмӣ– таҳқиқотии Абдуллоҷони Ҳамрохон фарогири яке аз масъалаҳои муҳим буда, бо назардошти талаботи замон дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани ҳувияти миллӣ, тарбияи насли наврас ва ҷавон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмии мо таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуд:

- омӯзиши асосҳои назариявии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон, адабиёти методӣ, психологӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ ва ҷараёни таълиму тарбия;

- муайянсозии вазъи воқеӣ ва дурнамои тарълиму тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ ватандӯстии хонандагон;

- таҳияи механизми ташкили шароити педагогӣ ҷиҳати таашаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон;

- асоснок намудани дониш, малака ва маҳорати таълимию маърифатии хонандагон аз ҷиҳати воситаҳои муҳофизатии варзишӣ ва ҳарбӣ дар раванди дарси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ;

- гузаронидани озмоиши педагогӣ дар асоси самаранокии раванди таълиму тарбия дар тарбияи ҳарбӣ ва ватандӯстии хонандагони МТМУ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар баланд бардоштани дараҷаи азхудкунӣ ва сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо аз фанни ТҶ ва ОДҲ мусоидат менамояд.

Дар ин робита мо ба нуктаҳои алоҳидаи назариявии таълифот ва таҳқиқоти муаллифону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ М.Лутфуллоев, И.Давлатшоев, Т.Н. Зиёев, Ш.Маҳмудов, Н.Н.Шоев, Г.Иброҳимов, И.Л. Софронов, Д.И. Фелдштейн, М.Л. Груздева, П.Н. Осипов, Л. Осипова такя намудем.

Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун маводи таълимӣ дар амалияи фаъолияти педагогӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити ёрирасони таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ–методӣ, ҳамчунин таълимоти умумибашарӣ осори бузургони илму адаби ватанию хориҷӣ (Абулқосим Фирдавсӣ, Унсурмаолии Кайковус, Турсунов Н.Н., Суяров Т.М., Мирзоев С.С., Бунак В.В., Глухова В.И., Лубшиева Л.И., Никтю Б.А., Пропов Н.Н. ва монанд ба инҳо) нишондиҳандаҳои илми марбут дар бораи тавъам будани назария бо амалия, ҳамчунин, дар ҷараёни таҳқиқот ба эътибор гирифтани таҷрибаи таърихи варзиши гузаштаву муосир ташкил медиҳад.

Илова бар ин, ҳангоми корбаст намудани таҳқиқот асосҳои назарии Стратегияи ҶТ «Оид ба рушди ТҶ», «Стратегияи миллии рушди ТҶ ва варзиш барои солҳои 2018-2021», Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи Маҷмуи рушди ТҶ ва варзиш дар ҶТ барои солҳои 2017–2021»,

Қонуни Ҳукумати ҶТ «Дар бораи маориф», «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба эътибор гирифта шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагоги олимон марбут ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**: дар мустақилона навиштани диссертатсия ва иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва инчунин, дар муҳокимаи натиҷаҳои амсилавии ҳосилшуда ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқот дар диссертатсия инъикос гардида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ, ки фарогири мудирияти раванди ТҲВ буда, метавонад дар рушди тарбияи ҳарбӣ–ватандӯсти хонандагони МТМУ саҳми босазо гузорад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия аҳаммияти амалӣ дошта, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ТҲВ байни наврасону ҷавонон татбиқи васеи худро ёфта метавонад. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии ТҲВ байни хонандагон таҳия шуда, асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 маводи нашрӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии ҶТ ва Федератсияи Россия ба қайдгирифташуда ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми дисеертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия дар 170 саҳифаи андозаи А4 бо фосилаи байнисатрии 1,5 навишти компютерӣ ифода ёфтааст.

Боби якуми рисола - “**Ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ**” ном дошта, аз чунин фаслҳо иборат мебошад: Асосҳои педагогию психологии усулҳои баланд бардоштани самаранокии тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон; Аҳаммияти тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ дар раванди тарбияи худшиносӣ, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда, ҳамаҷониба таҳқиқ гардид.

Боби дуюми рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ **«Самаранокии раванди таълиму тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** ном дошта, аз чунин бахшҳо иборат мебошад: Таҳияи технологияи рушди тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; Моҳияти арзишҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; Нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Маводи аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ нашркарда мазмуни рисоларо пурра фаро мегиранд.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ТАЪЛИФОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААСТ:

**а) Дастурҳои таълимие, ки бо тавсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба чоп расидаанд:**

[1-М] Абдуллоҷони Ҳ. Омодагии муаллимониояндаи тарбияи ҷисмонӣ бо тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон (дастури илмӣ-таълимӣ) [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон //Душанбе: “Баҳманрӯд”, 2020.- 99с.

[2-М] Абдуллоҷони Ҳ. Ҷанбаҳои педагогии тарбияи ҷисмонии хонандагон ва тайёр кардани мутахассисони ҷавон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ (монография) [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон //Душанбе: “Матбаа”, 2022.-95с.

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[3-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Мафҳум ва вазифаҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ дар рушди иҷтимоию фарҳангии ҷомеа [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №8–Душанбе 2018.– С. 302–306.

[4-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Омилҳои баланд бардоштани самаранокии тарбияи ҷисмонии хонандагони муассисаҳои таълимӣ [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №2–Душанбе 2019.– С. 266–271.

[5-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Ҷанбаҳои эҷодии омодасозии шахсияти омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №4–Душанбе 2019.– С. 310–314.

[6-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Моҳият ва вазифаҳои тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстӣ дар ҷамъияти муосир [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISSN 2074 – 1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №10–Душанбе 2019.–С.306–306.

[7-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Рушди шахсияти хонандагон дар раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон //(ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (илмҳои педагогӣ) №2(23) –Кӯлоб 2022.С.42 – 48.

[7-М]. Иброҳимов Г., Ҳамрохон, А. Технологияи рушди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ Г. Иброҳимов, Абдуллоҷони Ҳамрохон // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. –Кӯлоб, 2024, №2 (35)- С. 19-26;

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[8-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Моҳият ва вазифаҳои тарбияи ҳарбӣ ватандӯстӣ дар ҷамъияти ҳозираи маданӣ-иҷтимоӣ. [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISBN 978–601–341–108–8).–Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ. 3 – ҷузъ – Қазоқистон – Нур–Султон.2019. – С. 78-85.

[9-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Омилҳои баланд бардоштани қобилияти самаранокӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯсти хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон // (ISBN 978–601–341–108–8).–Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ. 3 – ҷузъ – Қазоқистон – Астана. 2019. – С. 213-217.

[10-М]. Абдуллоҷони Ҳ. Сиёсати давлатии ҷавонон дар соҳаи маориф. [Матн] / Ҳ. Абдуллоҷон //– маводҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: “Заминаҳо ва дурнамои амалигардонии стратегияи миллии саноатикунонии босуръати кишвар” (28-29 июни соли 2020) – С.78-85.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат менамояд.

Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва муҳокимаи диссертатсия ҷаласаи кафедраи умумумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Рисолаи хатмкардаи зинаи аспирантураи назди донишгоҳ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори баанҷомрасида ҳисобида шавад.

2. Рисолаи унвонҷӯ Абдуллоҷони Ҳамрохон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–002–и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи ҷаласаи кафедраи умумумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 26.01.2024 протоколи №6 омода гардидааст.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогика,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Котиби ҷаласа — Набиева С.

“Имзоҳои Назаров Ҳ.С. ва Набиева С.-ро тасдиқ мекунам.”
Сардори ШК ва КМ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16; Тел: (+992 3322), 2-35-06; E-mail: info@kgu.tj